O‘ZBEKISTON RESPUBLIKASI
OLIY TA’LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI

FARG‘ONA DAVLAT UNIVERSITETI

# FarDU. ILMIY XABARLAR-

1995 yildan nashr etiladi
Yilda 6 marta chiqadi

1-2023

# НАУЧНЫЙ ВЕСТНИК. ФерГУ

Издаётся с 1995 года
Выходит 6 раз в год

**D.Abdullayeva**
XX asrning 20-yillarida Buxoro me’moriy obidalarining ta’miroti masalasi ........................................... 324
**F.Temirov**
Sadriddin Ayniy ijodida Turkiston tarixi masalalari.................................................................................. 328
**I.Naimov**
Ahmad Donish ilmiy merosida islom huquqi masalalari........................................................................ 333
**R.Rahimov**
Yevropa noshirlik uylari vujudga kelish tarixiga nazar ......................................................................... 337
**D.A.Choriyeva**
Madaniyat sohasida oliy ma’lumotli mutaxassis kadrlar muammosi va yechimlar................................ 342
**O.V.Mahmudov**
O‘rta asr Yevropa tarjima markazlari tizimida Ispaniya shaharlarining o‘rni: Barselona, Pamplona, Saragosa va Segoviya ........................................................................................................ 353
**A.A.Hakimov, B.A.Usmanov**
Amir Abdulloning Xorazm yurishi ........................................................................................................ 360
**N.X.Choriev**
Buxoro Amirligining janubiy hududlarida irrigatsiya tarmoqlarining rivojlanishi ................................... 365

ADABIYOTSHUNOSLIK

**I.Yakubov**
“Modern” o‘zbek romanlarida majoziy va xayoliy-parodoksal ifoda....................................................... 368
**P.Bakirov**
Turli tizimli tillarda nominatsentrik maqollar mazmun plani .................................................................. 373
**I.Mannopov**
Yassaviylik adabiyoti tahlili masalasi ..................................................................................................... 379
**Q.Yo‘lchiyev**
Anvar Obidjon lirikasida semiotik xususiyatlar....................................................................................... 383
**J.Eshonqulov**
Hayrat Buxoriy ijodida ijtimoiy hayot va muhit tanqidining badiiy xususiyati ........................................ 388
**T.Matyoqubova**
Tuyg‘u va kechinmani kitobxonga “yuqtirish” mahorati......................................................................... 394
**M.Qurbonalieva**
Taqiuddin Muhammad Avhadiy “Arafot-ul-oshiqin” va Mutribiy Samarqandiy “Tazkirat-ush-shuaro” asarlarning qiyosiy tahlili ...................................................................................... 399
**I.Eshonqulov**
Tazkiranavislar nuqtayi nazaridan Mirsiddiqxon Hashmatbuxoriy o‘rnini anglash ................................ 405
**H.Ne'matova**
Hoji Muinning “Kattaqo‘rqon xotiralari” safarnomasi ............................................................................ 413
**X.A.Xaitov**
O‘zbek adabiyotida lingvistika asosida kulgi uyg‘otish masalasi ......................................................... 417
**Samadi Nooria**
Maqollarning metodik jihatdan o‘ziga xos xususiyatlari ........................................................................ 421
**A.G.Sabirdinov**
Shuhrat she’rlariga bir nazar ................................................................................................................ 427
**S.Muminov, Z.Kamoliddinova**
Isajon Sultonning “Alisher Navoiy” romanida qo‘llangan sinonimlarining lingvopoetikasiga doir.............................................................................................................................. 433

TILSHUNOSLIK

**Sh.Iskandarova, D.Qo‘ldasheva**
Furqat g‘azallarida jonlantirishlarning ifodalanishi ................................................................................ 439
**Sh.A.Ganiyeva**
Frazeologik ma’no: kategorial va grammatik ma’no muammolari ......................................................... 443
**D.Yuldasheva, S.Nishonova**
Maqollarda “bola” kontseptining ifodalanishi......................................................................................... 447
**M.Saminjonov**
Tilshunoslikda nutqiy janrlar va soha qasamlari masalasi..................................................................... 450
**O.Latipov**
Rus, o‘zbek, tojik va ingliz *tillarida “dog/it/sag”* zoonim so‘zining konseptual talqini ............................. 454

ADABIYOTSHUNOSLIK

**UDK: 821.512.133 (09)** **DOI: 10.56292/SJFSU/vol29_iss1/a84**

# TAZKIRANAVISLAR NUQTAYI NAZARIDAN MIRSIDDIQXON HASHMAT BUXORIY O‘RNINI ANGLASH
## (XIX-XX asrlardagi tazkiralar materiallari asosida)

# ШИНОХТИ ҶОЙГОҲИ МИРСИДДИҚХОН ҲАШМАТИ БУХОРОӢ АЗ НАЗАРИ ТАЗКИРАНАВИСОН
## (дар асоси маводи тазкираҳои асрҳои XIX-XX)

# ПРИЗНАНИЕ МЕСТА МИРСИДДИКХОНА ХАШМАТА БУХАРИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АВТОРОВ АНТОЛОГИЙ - ТАЗКИРЕ
## (по материалам антологий XIX-XX веков)

# RECOGNITION OF THE ROLE OF MIRSIDDIKXON HASHMAT BUKHARI FROM THE POINT OF VIEW OF THE AUTHORS OF ANTHOLOGIES – TAZKIRAS[1]
## (based on anthologies of the 19th-20th centuries)

**Eshonqulov Ilhom Abdusalomovich[1]**

[1]**Eshonqulov Ilhom Abdusalomovich** − дотсенти кафедраи Филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз (PhD).

***Annotatsiya***

*Maqolada XIX asrning oxiri va XX asrning boshida yozilgan tazkiralar ma’lumotlari asosida Mirsiddiqxon Hashmat Buxoriyning hayoti va merosining oydin va aniqlanmagan qirralari hamda bu borada yozilgan tadqiqotchi olimlar asarlari tahlil va tadqiq qilingan.*

*Shu jihatdan, maqola muallifi Mirsiddiqxon Hashmat Buxoriyning ma’naviy merosini ilmiy nuqtayi nazardan keng ko‘lamda tahlil qilib, shoirning Movarounnahr fors-tojik adabiy muhitidagi o‘rni va e’tiborini aniqlashni asosiy maqsadi sifatida belgilagan. Shu sababdan Mirsiddiqxon Hashmat Buxoriyning hayoti, ijodi, badiiy uslubi, ijodiy qobiliyati, shoirlik mahorati, badiiy ijod tilining o‘ziga xosligi, so‘z san’ati bobida mahoratli shaxs ekanligini u bilan hamnafas va hamzamon yashagan tazkiranavislar nuqtai nazaridan tahlil qilish maqolaning asosiy maqsadi bo‘lib, XIX asr oxiri va XX asr boshidagi tojik adabiyotida mazkur shoir ijodining o‘rni va e’tiborini keng ko‘lamda anglash va tahlil qilish uchun ilmiy va amaliy ahamiyatga molikdir.*

***Аннотатсия***

*Дар мақола ҷузъиёти муҳимтарин ва паҳлӯҳои норавшани зиндагиномаи Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ бар асоси тазкираҳои поёни қарни XIX ва аввали қарни XX ва инчунин осори муҳаққиқон мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст.*

*Аз ин рӯ, муаллиф кӯшидааст, ки ба ҷанбаҳои мухталифи эҷодиёти Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ аз чашмандози фарох назар карда, мақом ва эътибори онро дар қаламрави забон ва адабиёти форсии ҳавзаи адабии Мовароуннаҳр муайян созад. Ба ин ваҷҳ, дар радифи матолиби аслии мақола вижагиҳои ҳунарӣ, сабку салиқаи нигориши шоир, мухтассоти забонӣ ва услубии ашъори суханвар ва масъалаҳои дигари марбут ба ҳаёт ва эҷодиёти Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ аз назари тазкиранависон мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқ қарор гирифтааст, ки арзиши ашъори ин шоири камшинохтаро дар омӯзиш ва шинохти таърихи адабиёти тоҷики асри XIX ва ибтидои асри XX муқаррар месозад.*

***Аннотация***

*В статье рассматриваются наиболее важные детали и неясные стороны биографии Мирсиддикхона Хашмата Бухари на основе исследований конца 19-го и начале 20-го веков, а также работах современных исследователей.*

*Известно, что Мирсиддикхона Хашмата Бухари за свою короткую и благословенную жизнь сделал ценный памятник и занял особое место в литературной среде Бухары.*

*Основываясь на это, автор стремится глубоко взглянуть на различные аспекты творчества Мирсиддикхона Хашмата Бухари и определить его место, авторитет в Литературной среде персидского языка и литературы Мавареннахра.*

*Наряду с основным содержанием статьи, рассматриваются художественные особенности,лингвостилевые черты поэтического наследия, стиль и вкус пера поэта и другие вопросы, связанные с жизнью и творчеством Мирсиддикхона Хашмата Бухари. Исследование проливает свет на творчества этого малоизвестного поэта и является значимым источником в изучении истории таджикской литературы 19 и начала 20 вв.*

***Absract***

*The article discusses the most important details and obscure aspects of the biography of Mirsiddik Hashmat Bukhari based on researches of the late 19th and early 20th centuries, as well as the works of modern scholars.*

*Based on this, the researcher takes a deep look at various aspects of the work by Mirsiddikxon Hashmat Bukhari and determines his place, reputation in the Literary environment of the Persian language and literature of Transoxiana.*

*Along with the main content of the work, the researcher considers the artistic features, linguistic and stylistic features of the poetic heritage, the style and taste of the poet, and other issues related to the life and work of Mirsiddikxon Hashmat Bukhari. The research sheds light on the works of this little-known poet, and is a significant source in the study of the history of Tajik literature of the 19th and early 20th centuries.*

***Kalit so'zlar:*** *tazkira, tazkor, manba, she'r, ash'or, shoir, devon, g'azal, qasida, ruboiy, qit'a, tarkibband, musaddas, fard, Mirsiddiqxon Hashmat Buxoriy, muntaxab, XIX oxiri va XX asr boshida tojik adabiyoti, tazkiranavislik, hayot va ijod.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *адабёти тоҷик дар охирҳои асри XIX ва ибтидои асри XX, тазкиранависӣ, ҳаёт ва эҷодиёт, "Ашъори мунтахаб", Мирсиддиқони Ҳашмати Бухороӣ.*

***Ключевые слова:*** *таджикская литература конца XIX - начала XX вв., сочинение Тазкире, жизнь и творчество, Мирсиддикхона Хашмата Бухари.*

***Key words:*** *Tajik literature of the late 19th and early 20th centuries, the works in Tazkira, life and work, Mirsiddikxon Hashmat Bukhari.*

## МУҚАДДИМА

Адабиёти охири асри XIX ва ибтидои асри XX бар асари ҷангу кашмакашҳои хонадони манғития ва забти Осиёи Марказӣ аз ҷониби Русияи подшоҳӣ, бахусус дар ҳавзаи адабии Бухоро рӯ ба таназзул ниҳода, адибону суханварон ва донишмандони ин сарзаминро ба муҳоҷират ба кишварҳои нисбатан амну осоишта водор намуд. Маҳз дар ҳамин авзои адабии асри мазкур суханвару адиб ва тазкиранигори нисбатан камшинохтаву номашҳури тоҷик, ки тӯли асрҳову солҳо паси пардаҳои фаромӯшӣ монда буд, яъне Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ қадам ба арсаи ҳаёт гузошт. Роҷеъ ба зиндагӣ ва осори ӯ сарчашмаҳои илмиву таърихӣ маълумоти камтареро фаро гирифтаанд. Манбаъ ва марҷаи муътамаде, ки аз онҳо дар ин бора метавон маълумот ба даст овард, тазкираҳои худи Мирсиддиқхони Ҳашмат мебошанд. Ҳарчанд муаллиф дар тазкираҳояш мадорики муфассали шарҳи ҳолашро ворид накарда бошад ҳам, ҳангоми ба қалам овардани рӯзгор ва осори баъзе шоирон ба ишороте дучор меоем, ки лаҳазоти ҷудогонаи зиндагии ӯро равшан месозанд. Дар ағлаби тазкираҳои авохири қарни XIX ва оғози қарни XX, аз ҷумла дар «Тазкори ашъор»-и Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ, «Армуғони Саббоқ»-и Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухороӣ дар радифи суханварони дигар номи Мирсиддиқхони Ҳашмат низ сабт гардида, лаҳзаҳои ҷудогонаи рӯзгор ва номгӯи осори ӯ зикр шудааст. Бояд тазаккур дод, ки маълумоти муаллифони тазкираҳо хеле мӯъҷаз ва фишурда мебошанд. Аз сӯи дигар, дар ағлаби онҳо такрори андешаҳо ва маълумот ба назар мерасад, ки барои ба дараҷаи кофӣ омӯхтани рӯзгор ва аҳволи Мирсиддиқхони Ҳашмат имконият намедиҳад.

## МЕТОДҲО ВА ТАҲЛИЛИ АДАБИЁТ

Дар сарчашмаҳои илмиву адабӣ номи аслии ӯро Мирсиддиқ ва тахаллуси шоириашро Ҳашмат қайд кардаанд. Аз ҷумла, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё чунин нигоштааст: «Аршади авлоди амир Музаффархон Абдулмӯъминхон, сонии он Икромхон, солиси он Абдулаҳадхон, чаҳорум Мирсиддиқтӯраи Ҳашматтахаллус буд» [8, 98].

Бархе дигар аз муаллифон Мирсиддиқхони Ҳашматро Сайид Муҳаммадсиддиқхон, Сиддиқхон ва унвонҳои ӯро Тӯра, Хон ва Мир зикр кардаанд. Ин нукта далели дар замонаш аз мақому манзалат бархурдор будани ӯст [8, 98; 6, 273].

Муаллифони тазкираҳо мисли соҳибони дигар сарчашмаҳои илмӣ (аз қабили таърихномаҳо, баёз, ҷунг ва ғайра) дар бораи ваҷҳи тасмияи тахаллуси Мирсиддиқхони Ҳашмат маълумоти дақиқ ба қалам наовардаанд. Ҳамчунин, оид ба таърихи валодати ӯ низ асноди дақиқу саҳеҳ дар даст нест. Таърихшиносони ӯзбек Шодмон Воҳидов, Зоир Чориев ва Ғулом Каримов муддати зиндагии Мирсиддиқхони Ҳашматро байни солҳои 1862-1927 таъйин намудаанд, ки хилофи назар менамояд.

Мирсиддиқхони Ҳашмат дар дафтари мусаввада ва ёддоштҳояш, ки зери шумораи 2663 дар ганҷинаи нусхаҳои хаттии Институти шарқшиносии Академияи фанҳои Ҷумҳурии

Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ маҳфуз аст, соли мавлудашро ба тариқи зайл зикр кардааст «…таваллуди ин ҳақир дар санаи 1281 … воқеъ шуда» [10, 117]. Ин назар собит ва дақиқ аст, зеро аз забони худи адиб ба қалам омадааст. Мувофиқи ҳисоби солшумории шарқӣ соли 1281-уми ҳиҷрии қамарӣ мутобиқ ба 1864-уми мелодӣ мебошад.

Нуктаи дигаре, ки дар атрофи он бояд ҳарф зад, зодбуми шоир мебошад. Зодаи Бухоро будани ӯро ағлаби маъхазҳо гувоҳанд ва ба тахаллуси ӯ илҳоқ гардидани нисбаи «Бухорой» далели мӯътамадест. Мирсиддиқхони Ҳашмат писари дувуми амир Музаффархон буда, зодгоҳаш шаҳри Бухорост [13, 32]. Перомуни қавму нажод, таърихи зуҳур ва мароҳили мухталифи замони зиндагии Мирсиддиқхони Ҳашмат ағлаби тазкиранигорон ва муаррихон изҳори андеша кардаанд. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам ӯро ба номи «Шоҳзода» [7, 98] ва Шарифҷон-махдуми Садри Зиё «Маликзода» ёд мекунад:

Маликзодаро бо ҳама фазлҳо,
Ҳаме буд майле ба шеъру наво [8, 105].

## МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ба ҳайси тазкиранависи ҳамаср асноду мадорики тазкираҳои ин давраро як андоза ҷамъбасту такмил намуда, илова бар ин, баъзе ҷузъиёт ва нуктаҳои мубрами рӯзгор ва аҳволи Мирсиддиқхони Ҳашматро қаламдод намудааст. Ҳашмат аз назари Садри Зиё “зубдаи рӯзгор” ва “қудваи ҳушманд” эътироф шудааст. Чунончи мутаваҷҷеҳ мешавем:

“Зи ашъори он зубдаи рӯзгор,
Ба ин иктифо карданам нест кор.
Аз ӯ чанд шеъри дигар з-ин қабил
Рақам кард хоҳам туро ин сабил.
Ки мушк он чӣ бисёр беҳтар бувад,
Зи бӯи хушаш дил муаттар бувад.
Зи ашъори он қудваи ҳушманд,
Маро ин ғазал шуд басе дилписанд” [8, 106-107].

Ҷои дигар, Шарифҷон махдуми Садри Зиё аз хусуси мусаллат будани Мирсиддиқхони Ҳашмат ба забонҳои туркӣ ва арабӣ чунин хабар медиҳад:

“Зи ашъори туркии он масттоб,
Намудам ду се байтро интихоб.
Ки то қудраташ дар сунуфи калом,
Мубарҳан шавад назди аҳли аном.
Ба тозӣ варо низ ашъорҳост,
Ки ҳар як аз он гавҳари бебаҳост.
Бале аз ниточи чунон шаҳриёр,
Расад инчунин гавҳари шоҳвор” [8, 108].

Бо дарки ин маънӣ, Садри Зиё низ дар шумори равшанфикрони даврон ба Аҳмади Дониш ва асарҳои ӯ ихлосу эътиқоди зиёд дошт. Маҳз бо эҳтимоми ӯ осори Аҳмади Дониш китобат мегаштанд, ки ин амал ба тарғибу ташвиқи ғояҳои нависанда мусоидат мекард. Ин нуктаро Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо» дар нақли «Аввалин шиносоии ман ба калонтарин асари Аҳмади Дониш «Наводир-ул-вақоеъ» низ ёдрас шудааст.

Соли 1899 Шарифҷон-махдуми Садри Зиё аз дасти Мирсиддиқи Ҳашмат дастхати "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Донишро ба орият гирифта, онро барои рӯнавис ба Мунзим, ки басо хушхат ва пухтакор буд, месупорад ва баъд дар тасҳеҳ ва татбиқи нусхаи китобатнамудаи Мунзим бо нусхаи аслии дастхати муаллиф Айнӣ ҷалб мегардад. Устод баъдҳо ин лаҳзаро чунин ёдовар мешавад: «Шарифҷон-махдум, ки ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд, бо Сиддиқхон (Мирсиддиқхони Ҳашмат-И.Э) алоқаи махфӣ баста, барои нусха бардоштан он китобро аз ӯ ба тарзи орият гирифтааст ва нусхабардориро ба Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, ки зикраш дар «Ёддоштҳо» борҳо гузашт ва хушнавис ва пухтакор буд, супурдааст» [1,547].

Аҷдоди Мирсиддиқхони Ҳашмат аз сулолаи манғития буда, устод Садриддин Айнӣ падари ӯ - амир Музаффархон ва ворисони ӯро «ба касрати авлодӣ» аз дигар амирони манғития дорои имтиёз ба шумор овардааст [3, 214].

Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар робита ба масъалаи сулолавӣ ва лавозиму вазифаи маъмурии бародарони Мирсиддиқхони Ҳашмат дар “Рӯзнома”- и худ бомуҳаббат ва иродати бештар ёд мекунад.

Дигар аз масъалаи муҳими марбут ба зиндагии Мирсиддиқхони Ҳашмат муносибати хешутаборӣ ва оила барпо кардани ӯст. Дар сарчашма ва манбаъҳо оид ба хонадоршавии ӯ ё зану фарзанд доштанаш ишорае нест. Аз ин лиҳоз, метавон ба гуфтаи худи адиб муроҷиат кард, ки дар ёддоштҳояш дар ин бора ба тафсил сухан рондааст [10, 42].

Боиси ёдоварист, ки дар сар то сари матни “Ёддоштҳо”-и Мирсиддиқхони Ҳашмат перомуни вазъи оилавӣ, исми фарзандону хешу пайвандон ӯ ва шумори хонаводааш, лаҳзаҳои гуногуни ҷузъиёти рӯзгораш маълумот зикр шудааст. Ӯ соҳиби олиаи бузург буда, гумон меравад, ки бо вуҷуди вазъи бади иқтисодии оилавиаш фарзандони ӯ низ аз илму дониш огоҳӣ доштаанд, зеро Мирсиддиқхони Ҳашмат, ки худ шахси илмдӯст буд, фарзандонашро низ аз илм баҳраманд гардонидааст. Ҳамин гуна, Мирсиддиқхони Ҳашмат аз шумори суханварони ягонаи рӯзгори худ будааст, зеро ӯ вақти таълифи “Тазкират-уш-шуаро” дар шарҳи ҳоли суханварон аз ҳамаи илмҳои замон огоҳӣ доштани худро бо китобати ҷумлаҳои мусаҷҷаи зебову равон, овардани оёту аҳодиси марбут ба воқеа, қиссаву воқеоти мухталиф аз осори гузаштагоне, чун Хоҷа Ҳофиз, Саъдии Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишер Навоӣ, Бедили Деҳлавӣ истифода аз кутуби сияр, нақду баррасии шеър ва ғайра бо камоли маҳорат нишон додааст.

Мирсиддиқхони Ҳашмат аз хурдӣ ба фарогирӣ ва ҳифзи илму маърифат кӯшишу талоши зиёд намуда, муҳаббат ва иродати беандозаашро ба донишандӯзӣ дар ёддоштҳояш чунин баён доштааст: «Ва ҳақир низ бағоят муҳаббатинон буд ва саъй дар кори худ дошт. Итоати устод мекард, то дар байни ду-се сол Ҳофизу Бедил ва девони Ҷомию Навоӣ ва Низомӣ бархонд ва хате ихтиёрӣ баровард» [10, 120]. Гузашта аз ин, нақши хидмат ва таълифоту таснифоти устодонаш Алии Қорӣ ва Мулломуҳаммад Юсуфро дар такомул ва густариши афкори худ равшан таъкид мекунад: «Баъд аз ин навмия ҳақир торафт дар гирд кардани таълифоти ҳазрати Алии Қорӣ кӯшид. Аз таълифоти эшон «Шарҳи Мишкот» панҷ ҷилд, «Шарҳи Шифо» ду ҷилд, «Шарҳи Шамоил», «Шарҳи қасидаи бурда» ба даст овард»[10, 134].

Бино ба ахбори Мирсиддиқхони Ҳашмат дар «Тазкират-уш-шуаро» ӯ дар ёздаҳсолагӣ ба сӯҳбати Абдулқодирхоҷаи Савдо расида, дуои хайри ӯро гирифтааст: «Дар овони сибо муҳаррир ба рикоби нусратинтисоби зилли Илоҳӣ, ҳазрати аршошён дар Кешу Насаф ҳамроҳ будам. Он ҷаноб аз сӯҳбати олӣ баромада, ҳамроҳи муншиён ба маҳфили дигар нудамо ихлос менамуданд»[11, 74]. Ҳамин тариқ, Қорӣ Ҳомидхоҷа, Муллоаҳмад Юсуф, ҳазрати Алии Қорӣ ва шоир Абдулқодирхоҷаи Савдо баҳри тадрис ва такомули маънавии Мирсиддиқхони Ҳашмат саҳми назаррас гузоштаанд.

Бояд гуфт, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат ағлаби улуми замонро аз бар карда будааст. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам аз баҳрамандии густурдаи Мирсиддиқхони Ҳашмат чунин дарак медиҳад: «Хусусан аз улуми олия ва адабия ва масоили таҷвиди фаръӣ ва нуҷуму рамл ва арӯзу қавофӣ бағоят маҳзуз ва фунуни нақшу тасвиру талвеҳу ишкол ӯро туфайлан маҳзуз аст» [7, 99]. Ба ин маънӣ, Шарифҷон-махдуми Садри Зиё низ аз сухангустарӣ ва шӯҳрати тамоми Мирсиддиқхони Ҳашмат ёд мекунад: «Хусусан дар ваҷҳи нуҷум ва хаттотӣ ва руқум улувви дараҷааш ҳамаро маълум аст» [8, 291].

Бояд гуфт, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат ба манотиқи гуногуни аморати Бухоро сафар кардааст. Ӯ зимни баёни лаҳазоти ҷудогонаи зиндагии худ аз ҷараёни сафарҳояш ба Кеш, Насаф, Китоб ва дигар шаҳру музофоти аморати Бухоро ҳарф мезанад: «Чун дохили шаҳри Кеш шудем, Худованд ба кеши ҳақири бехеш халал наяфканд, ба инояту лутфу макрамати худ риштае дар пой падид овард» [4, 119].

Мирсиддиқхони Ҳашмат дар Самарқанд низ як муддат солҳои 1896-97 дар кӯчаи Меҳтари Идрок сукунат ихтиёр кардааст. Мавсуф дар ҳар шаҳру музофоте, ки саёҳат менамуд, аз мулоқот ва файзи сӯҳбати шуарову уламо баҳрабардорӣ мекард. Ба ин васила, аз муҳити адабии ин шаҳрҳо воқиф гашта, бо аҳли илму адаб дар ҳамбастагии қавии маънавӣ қарор дошт. Натиҷаи пурсамари пайванди маънавӣ бо ашхоси маърифатпарвар ва

раҳҷӯӣ ба ҳавзаи адабии шаҳрҳо то ба дараҷаи таҳия ва тадвини як силсила рисолаву тазкираҳо оварда мерасонад.

Дар иртибот ба рӯзгор ва аҳволи Мирсиддиқхони Ҳашмат аксари сарчашмаҳо давраи ҳабси шоирро ба равшанӣ зикр кардаанд, ки таъкид ва ишораи бевоситаи адиб далели ин гуфта аст:

Он чи бар дил алам аз меҳнати маҳбусӣ рехт,
Кай бар ислом чунин аз ситами русӣ рехт.
Шевану гиряи ман синаи ҷонро бигудохт,
Ашк бар ҳолати ман кофури ноқусӣ рехт [12, 7].

Мирсиддиқхони Ҳашмат баъд аз фавти падар ва ба сари тахти шоҳӣ омадани амир Абдулаҳадхон (бародари Ҳашмат) ба хотири пешгирии он, ки даъвои тахти салтанат накунад, дар яке аз гузарҳои Бухоро дар ҳавлии махсусе, ки барои ӯ сохта буданд, дар гузари Лаби ҳавзи Дастурхончӣ тӯли солҳои 1303-1338/1885-1920 дар зарфи 30-35 сол ба ҳабси хонагӣ маҳкум мешавад. Вобаста ба қазияи мазкур Шарифҷон-махдуми Садри Зиё ба тариқи зайл маълумот медиҳад: «Сиддиқхонтӯраи мазкур баъд аз фавти падар ба аҳди салтанати бародар ба Лаби ҳавзи Дастархончӣ ба ҳавлии султонӣ, сӣ сол тақрибан маҳбус буд» [8, 292].

Устод Садриддин Айнӣ ин матлабро дақиқан таъкид кардааст: «Ҳашмат дар аҳди ҳукмронии бародараш амир Абдулаҳад ва бародарзодааш Олим 35 сол (1303-1338) маҳбус буд. Дар ин айём ба ҷамъ ва татбиқи кутуб соҳибкамоли рӯзгор шуд» [2, 274]. Аз рӯи нишондоди Садриддин Айнӣ, ки маҳбусии Мирсиддиқхони Ҳашматро байни солҳои (1303-1338/1885-1920) медонад, ҳабси ӯ дар 21 солагӣ рух додааст.

Ҳамин гуна, Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороӣ, назар ба қавли донишманди маъруф Шарифҷон-махдуми Садри Зиё, тақрибан 30 сол ва бар асоси таъкиди устод Садриддин Айнӣ расо 35 сол (1885-1920) ба ҳабси хонагӣ маҳкум шуда ва дар ин ҳангом танҳо 21-сола буда ва ҳабси ӯ то 56 солагиаш идома ёфтааст. Оғози ҳабснишиниаш ба давраи салтанати амир Абдулаҳад рост меояд ва ваҷҳи ҳабсаш ҳам ин буда, ки Абдулаҳадхон Мирсиддиқхон Ҳашматро ба қавли адабиётшиноси варзида Расул Ҳодизода “вақти ба тахти аморат соҳиб шуданаш назарбанд кардааст”[13, 32], то ин ки даъвои салтанат накунад. Дар давраи амир Олимхон низ маҳбусиаш идома ёфтааст. Аз рӯйи нақли устод Айнӣ ба Расул Ҳодизода “вақтҳои охир Мирсиддиқхон то андозае озод буд (ҳамоно дар солҳои салтанати амир Олимхон), то он ҷо ки баъзан дар остонаи дарвозахонааш нишаста, соатҳо рафтуои мардум ва ҷунбуҷӯши кӯчаро тамошо мекард”[13, 32].

Унсури муҳиме, ки дар такомули тафаккури Мирсиддиқхони Ҳашмат асари зиёд дорад, омӯзиши мероси бойи адабию фалсафӣ ва ирфонии пешиниён маҳсуб мегардад. Ӯ дар ҳабси хонагӣ ба таълифу таснифи як силсила кутуб, иншои шеър ва нусхабардории осори хаттии гузаштагон пардохтааст. Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам дар ин бора чунин менависад: «…бо вуҷуди узлатгузинӣ саъйафзои касби камол ва бо хусули гӯшанишинӣ маҷлисорои анҷумани хаёл. Хазинаи дили фатонатманзилаш дар аксари улум рашки матлаъулулум аст ва синаи фиросатоинаш дар ағлаби фунун ғайрати маҷмаулфунун аст» [7, 99].

Мавсуф дар ҳабси хонагӣ бо олимон, адибон ва ашхоси маърифатпарвар пайваста дар мукотиба ва мусоҳиба будааст. Ба вижа, шахсоне, ки аз низом ва тартиботи давлатдории амир Абдулаҳадхон ҳарфи шиква бар лаб доштанд, бо Мирсиддиқхони Ҳашмат равобити илмӣ ва маънавӣ анҷом медодаанд. Аз ҷумла, вай бо поягузори ҷараёни маорифпарварии Бухоро олим ва мутафаккир Аҳмади Дониш муносибати самимӣ ва иртиботи маънавӣ дошт. Мирсиддиқхони Ҳашмат дар як марсияаш Аҳмади Донишро чун олими комил, дарёи дониш ва дар нақшу тасвир беҳтар аз Беҳзоду Монӣ хондааст [5, 136-143]. Аҳмади Дониш бошад, дар ёддоштҳояш ӯро ба унвони «Маликзода» ёд карда, рисолаҳои «Наводир-ул-вақоеъ» ва «Меъёр-ут-тадайюн»-ро барояш нусхабардорӣ кардааст.

Дар «Тазкират-уш-шуаро»-и Мирсиддиқхони Ҳашмат номае аз Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ- шоир ва тазкиранависи маъруфи ин аҳд дарҷ ёфтааст, ки аз иртиботу мукотиботи дӯстонаи ҳар ду дарак медиҳад. Шоир дар қасидаеа ба Мирсиддиқхони Ҳашмат низ ишора карда, чунин мегӯяд:

Ман ғуломи даргаҳи волои султон Ҳашматам,
К-ӯ наёрад хусравонро дар қатори чокарӣ.

Мирсиддиқхони Ҳашмат дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ оид ба ин адиби пурмаҳсул маълумоти саҳеҳ дода, аз ашъораш бисёр намунаҳо овардааст. Аз ҷумла ӯ мегӯяд: «…Мушорунилайҳро қудрати тамом дар илми шаръия (қонунҳои дини Ислом) буда ва бо тамоми фазоил гӯи муболиғат аз ақрон мерабуда… Дар ашъори арабию форсӣ майдони сухандонӣ ва дар туркӣ низ чун Фузулӣ буда, аммо ашъораш назме тамом дошт. Умри гиромиро дар тамошои китоб сарфу харҷ сохт ва дар бисоти дониш аз бештари ҳамгинон гарав рабуда, дар шашдар (моту маҳбут шудан) андохт…» [11, 95].

Ҳамин тавр, Мирсиддиқхони Ҳашмат девон доштани Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳро зикр мекунад ва таълифоту рисолаҳояшро зиёда аз даҳ адад ба шумор овардааст. Инчунин ба сафари ҳаҷ рафта ва баъди баргаштан, тамоми хотироташро дар «Савонеҳ-ул-масолик» қайд кардани Возеҳ ва соҳиби маснавии «Барфу ях» будани ӯро низ ёд намудааст.

Аз рӯи нақли Мирсиддиқхони Ҳашмат маълум мегардад, ки бо тазкиранигори дигари ҳамасри худ Афзал-махдуми Пирмастӣ дар ҳамбастагии қавии маънавӣ будааст. Дар айёми ҳокими Чорҷӯй будани Мирсиддиқхони Ҳашмат Афзал-махдуми Пирмастӣ ба хидмати ӯ пардохта, зери назар ва пуштибонии ӯ ба тадвини кутуб ва як силсила осор мепардозад [11, 26-27]. Аз миёни тазкираҳои қаламрави Бухоро танҳо дар тазкираи Мирсиддиқхони Ҳашмат баъзе ашъори интиқодии Шамсиддини Шоҳин ба назар расид, ки аз дӯстии ғоибона ва робитаи маънавии онҳо шаҳодат медиҳад [11, 89-95].

Мирсиддиқхон Ҳашмати Бухороӣ дар васфи Зуфархон Ҷавҳарӣ мадҳияе гуфта, ӯро бо ибороти тавсифие, аз қабили “янбуъи ҳама фазлу камолот”, “масдари макрамату ҳусни хисолот”, “ганҷури рисолот”, “маркази доираи ҷумлаи ҳолот”, “саллоли саволот” ва ғайра ситоиш кардааст. Ҳамчунин, агар Мирсиддиқхони Ҳашмат дар як мактуб Зуфархон Ҷавҳариро «Халлоқулмаонии Тӯронзамин» ном бурда бошад, дар ҷавобияи Ҷавҳарӣ, ки ба шакли назм сурат гирифтааст, ӯро «суханпардоз»-и худ хондааст [5, 155].

Аз муҳтавои мукотиба ва мусоҳибаҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат бо шоир Зуфархон Ҷавҳарӣ маълум мегардад, ки онҳо ба ҳамдигар унсу алоқа ва эҳтироми зиёд доштаанд.

Ҳамин гуна, донишмандон ва равшангарони замона ба таври махфӣ бо Мирсиддиқхони Ҳашмат дар иртибот, мукотиба, мушоира ва мулоқоти доимӣ будаанд. Дар иртибот ба вазъи оилавӣ ва силсилаи авлоди Мирсиддиқхони Ҳашмат метавон гуфт, ки ӯ бо амирзодаҳо Абдулмалик-тӯра ва Носирхон-тӯра аз як модар ба дунё омадаанд. Мирсиддиқхони Ҳашмат соли 1871 ҳукмдори Қаршӣ буд. Баъд аз вафоти Нуриддинхон амир Музаффар (яъне, падари Ҳашмат - И.Э.) ӯро дар таърихи 1878 дар 17-солагӣ ҳукмдори Чорҷӯй таъин мекунад. Баъдан, ӯро аз лавозимаш озод намуда, аз Чорҷӯй ба Бухоро бармегардонанд. Баъди фавти амир Музаффар соли 1885 ҳангоми ба сари тахт омадани бародараш Амир Абдулаҳадхон Мирсиддиқхони Ҳашмат ба ҳабси хонагӣ маҳкум гардид. Дере нагузашта амирзода Носирхон низ ба ҳабси хонагӣ кашида мешавад. Бародари сеюми Абдулаҳадхон - Абдулмалик дар ғурбат ва мусофирӣ умр ба сар мебурд. Амирзодаҳо Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Носирхон-тӯра дар давраи ҳукмронии писари Абдулаҳадхон Олимхон низ аз озодӣ маҳрум буданд. Дар ин миён танҳо Мирсиддиқхони Ҳашмат муддати 35 сол дар ҳабс умр ба сар мебарад. Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Носирхон-тӯра аз тамоми корҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ фурӯгузор карда шуда буданд. Аммо Амир Абдулаҳадхон ва писари ӯ Олимхон ба фаъолияти илмиву эҷодии Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Носирхон-тӯра ягон монеа ва мушкилӣ пеш наоварданд. Маҳз аз ҳамин сабаб аст, ки Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Носирхон-тӯра то охири умр пайи омӯзишу эҷоди як силсила осор машғул гардида, дар ҳаёти маданӣ, адабӣ ва маънавии Бухоро саҳми беандоза гузоштанд. Дар сарчашмаҳо ва осори таҳқиқӣ соҳиби китобхона будани ҳар ду бародарон: Мирсиддиқхони Ҳашмат ва Носирхон-тӯра таъкид гардидааст.

Масъалаи дигар, таъйини рӯзгори минбаъда ва ҳиҷрати Мирсиддиқхони Ҳашмат мебошад, ки дар ин замина устод Садриддин Айнӣ иттилоъ медиҳад. Мирсиддиқхони Ҳашмат пас аз инқилоби Бухоро дар соли 1920 аз ҳабс озод шуда, дар китобхонаи марказии Бухоро ба кор таъин мегардад. Баъдан бо иштибоҳ ва саъю ҳаракати ихтилофангези баъзе

бародарзодагонаш эътимоди ҳукумати шӯравиро аз даст дода, дар радифи хонаводаи амир ба Афғонистон фирор кардааст [2, 274].

Ҳамин тариқ, зиндагии Мирсиддиқхони Ҳашмат то инқилоби Бухоро дар Самарқанд, Бухоро, Чорҷӯй, Кеш, Насаф, Хузор гузашта, рӯзгори пас аз инқилобиаш дар Афғонистон паси сар шудааст. Мавсуф солҳои охир дар мавзеи Равғангарони Бухоро зиндагӣ карда, соли 1341/1922 ба Афғонистон муҳоҷират мекунад.

Дар мавриди вазъи аҳволи шоир дар солҳои охири ҳаёт алҳол наметавон маълумоти мушаххасеро дарёфт. Ягона шоҳиди аслии вақоеи он замон устод Садриддин Айнӣ ҳанӯз соли 1926 навишта буд, ки «алъон аз ҳаёт ва мамоташ хабаре нест»[2, 274].

Бархе аз муаллифони сарчашмаҳо аз ҷараёни сафарҳои Мирсиддиқхони Ҳашмат дар шаҳрҳои мухталифи Шарқ дарак медиҳанд. Аз ҷумла, бино ба маълумоти ба тозагӣ нашршудаи «Армуғони Саббоқ»-и Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳи Бухорой, Мирсиддиқхони Ҳашмат дар интиҳои умр дар Мадинаи мунаввара сукунат ихтиёр карда, дар соли 1350 ҳиҷрӣ, мутобиқ ба 1932 мелодӣ дар ҳамон ҷо мадфун гаштааст: «Эшон муддате дар Мадинаи мунаввара рахти иқомат баста буданд ва дар соли 1350 дар Мадина вафот ёфта, дар Бақиъулғарқад ба хокашон супорида шуд» [4, 156].

## ХУЛОСА

Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухорой аз шахсиятҳои барҷастаи адабии охири асри XIX ва аввали асри XX ба шумор рафта, то имрӯз рӯзгори ӯ ба таври боиста пешкаш нашудааст. Мо аз рӯи нигоштаҳои худи муаллиф ва муҳимтарин осори илмӣ саъю талош намудем, то соли таваллуд, вафот, ҳамкорӣ бо олимону шоирон, робита бо дарбор, устодон ва дигар ҷиҳатҳои марбут ба зиндагии Мирсиддиқхони Ҳашмати Бухороиро барқарор намоем. Ҳамчунин чандин шоиронеро метавон ном бурд, ки ба Мирсиддиқхон Ҳашмат ихлосу иродат доштанду дар шеър ба силки шогирдии ӯ ворид шуда буданд ё аз рӯи ихлос асарҳои худро ба мавсуф китобат мекардаанд, ки ин аз мақому манзалати баланди тазкиранигор дарак медиҳад.

Тазкиранависони муосири ӯ, ки зикрашон дар боло рафт, перомуни ҳаёт ва эҷодиёти Муҳаммадсиддиқ Ҳайрати Бухорой ҳар яке аз равзанаи андеша ва тафаккури худ нигоҳ кардаанд. Матолиби “Тазкират-уш-шуаро”-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарам, “Тазкори ашъор”-и Шарифҷон махдуми Садри Зиё ва “Намунаи адабиёти тоҷик”-и С.Айнӣ дар равшан сохтани баъзе ҷузъиёти зиндагӣ, шахсият, сабки нигориш ва ҳунари шоирии Муҳаммадсиддиқ Ҳашмати Бухорой нақши муассир доранд;

### РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (REFERENCES)

1. Айнӣ, Садриддин. Ёддоштҳо. Қисми I.- Сталинобод: «Нашриёти давлатии Тоҷикистон», 1958. (Ayni, Sadriddin. It's a memory. Part I.- Stalinabad: "Publishing State of Tajikistan", 1958.)
2. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. Аз хати форсӣ таҳия ва тасҳеҳи Мубашшири Акбарзод.- Душанбе, Адиб, 2010.- 438 с. (Ayni S. Sample Tajik literature. Az Khati Farsi tahiya va tas'hyehi Mubashshiri Akbarzod.- Dushanbe, Adib, 2010.- 438 p.)
3. Айнӣ, Садриддин. Таърихи амирони манғитияи Бухоро. Куллиёт. Ҷилди 10.- Душанбе: Ирфон, 1966.- 343 с. (Ayni, Sadriddin. Bukhara is the history of the emir of Bukhara. Kulliyat. Volume 10.- Dushanbe: Irfon, 1966.- 343 p.)
4. Бухорӣ, Шайх Абдулқодир Кароматуллоҳ. Тазкираи Сибоқ.- Тошканд: Академияи фанҳои Ҷумҳурии Ӯзбекистон. Фан, 2007.- 199 с. (Bukhari, Sheikh Abdulkadir Karomatullah. Tazkirai Siboq.- Tashkent: Academy of Arts of the Republic of Uzbekistan. Science, 2007.- 199 p.)
5. Зуфархон Ҷавҳарӣ. Девони Ҷавҳарӣ.- Душанбе: Ирфон, 1986.- 272с. (Zufar Khan Jawhari. Devoni Jawhari.- Dushanbe: Irfon, 1986.- 272p.)
6. Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Таърихи тазкираҳои форсӣ. Ҷилди 2.- Теҳрон, 1363.- 1006 с. (Maoni, Ahmad Gulchin. The history is Persian. Volume 2.- Tehran, 1363.- 1006 p.)
7. Муҳтарам, Ҳоҷӣ Неъматуллоҳ. Тазкират-уш-шуаро. Бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Асғари Ҷонфидо. Зери назари Камол Айнӣ.–Душанбе: Дониш, 1975.- 399 с. (Honorable Haji Nematullah. Tazkirat-ush-shuaro. Bo tashyeh and introduction Asghari Jonfido. Zeri Nari Kamal Aini.-Dushanbe: Donish, 1975.- 399 p.)
8. Садри Зиё, Шарифҷон-махдум. Тазкори ашъор. Шарҳи ҳоли бархе аз шоирони муосири Тоҷикистон ва намунаҳое аз ашъори онон. Бо тасҳеҳи Саҳобиддини Сиддиқ. Бо кӯшиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой. Чопи аввал.-Теҳрон: Суруш, 1380=2001.- 428 с. (Sadri Zia, Sharifjan-Makhdum. Tazkori Ash'or. Commentary on barkhe az poets of modern Tajikistan and examples of Ash'ari onon. Bo tashyehi Sahabiddini Siddiq. Muhammadjoni Shakurii Bukharai. First printed.-Tehran: Surush, 1380-2001.- 428 p.)
9. Саййид Муҳаммад Носир ибн Музаффар. Таҳқиқоти арки Бухоро.- (Форс тилидан таржима, сўзбоши, изоҳлар ва кўрсаткичлар F.Каримовники).- Тошкент: TAFAKKUR, 2009.-106 с. (Sayyid Muhammad Nasir ibn

Muzaffar. Tahqiqoti arki Bukhara.- (Translation from Persian, foreword, comments and indicators by F. Karimov).- Tashkent: TAFAKKUR, 2009.-106 p.)

10. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Ёддоштҳо. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ.- Тошканд.- Дастхати №2663. (Hashmat, Mirsiddiq Khan. It's a memory. Ganjinai dastnavis'hoi Sharqi AF Republic of Uzbekistan ba name Abo'rayhoni Beruni.- Tashkent.- Autograph #2663.)

11. Ҳашмат, Мирсиддиқхон. Тазкирату-ш-шуаро. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ.- Тошканд.- Дастхати №2728.- 104 с. (Hashmat, Mirsiddiq Khan. Tazkirat-ush-shuaro. Ganjinai dastnavis'hoi Sharqi AF Republic of Uzbekistan ba name Aborayhoni Beruni.- Tashkent.- Signature #2728.- 104 p.)

12. Ҳашмат, Мирсиддиқхон.Тазкират-уш-шуаро. Ганҷинаи дастнависҳои шарқии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абӯрайҳони Берунӣ.- Тошканд.- Дастхати №61.-138 с. (Hashmat, Mirsiddiq Khan. Tazkirat-ush-shuaro. Ganjinai dastnavis'hoi Sharqi AF Republic of Uzbekistan ba name Abo'rayhoni Beruni.- Tashkent.- Autograph #61.-138p.)

13. Ҳодизода Расул. Адабиёти тожик дар ниммаи дуввуми асри XIX. - Душанбе: Дониш, 1968. - 291 с. (Hadizada Rasul. The literature of the Tajik dar nimmai duvvumi is the nineteenth century. - Dushanbe: Donish, 1968. - 291 p.)